Тақриз

**ба рисолаи номзадии Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20-Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавии забонҳо**

Диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич, унвонҷӯи кафедраи филологияи англиси ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20-Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавии забонҳо таҳия гардидааст.

Дар замони муосир лингвистика хеле босуръат рушд карда, алоқаи он бо дигар илмҳои нисбатан нав, аз қабили лингвистикаи фарҳангӣ, лингвистикаи руҳӣ, лингвистикаи иҷтимоӣ ва ғайра, ки вобаста ба талаботи давру замон ба миён омадаанд, аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ то рафт ба гардиши илмӣ ва риштаи таҳқиқ кашида мешаванд.

Бояд тазаккур намуд, ки ин ҳама гуфтаҳои боло асоси он аст, ки мавзуи интихобкардаи кори таҳқиқотии муаллиф, «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» бевосита ба яке аз масъалаҳои мубрам, саривақтӣ ва камомӯхташудаи забони англисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ бахшида шудааст.

Аслан, сленгҳои компютерӣ низ дар қатори дигар гурӯҳи калимаҳо яке аз қабатҳои махсуси воҳидҳои лексикӣ ё истилоҳоти нав ба шумор рафта, ба туфайли вижагиҳои сохторию маъноӣ ва услубиашон аз вожаҳои умумиистеъмол фарқ мекунанд ва дар таркиби луғавии забон мақоми хоссае касб карда истодаанд. Таҳлили маъноии сленгҳои компютерӣ на танҳо муносибати системавии таркиби луғавии забонро таҷассум менамоянд, балки муносибати гуногуни системаи воҳидҳои лексикӣ ва истилоҳоти нав бавуҷудомадаро дар забони тоҷикӣ такмил мебахшанд. Таҳқиқи падидаҳои маъноӣ ва хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ дар системаи истилоҳоти лексикӣ ифодагари яке аз муҳимтарин қазияҳои забоншиносии назариявӣ буда, проблемаи ташкили муназзами мазмун, интиқоли он аз як забон ба забони дигар ва сохтори он аз ҷумлаи мубрамтарин таҳқиқотҳои лингвистии муосир арзёбӣ мегардад.

Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои интернетӣ-компютерӣ низ яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ ба шумор рафта, дар замони

муосир ҷанбаи илмию амалӣ касб кардааст, ки диссертатсияи мавриди назар яке аз чунин иқдомот мебошад.

Диссертатсияи унвонҷӯ Ғафуров Зоир Саъдуллоевич аз муқаддима, 3 боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст.

Мундариҷаи кор бо низоми диссертатсия мувофиқат карда, онро хуб инъикос карда метавонад.

Гарчанде дар диссертатсияи мазкур оид ба дараҷаи коркарди мавзуъ ва масъалаи мафҳуми "истилоҳоти компютерӣ ва технологияи иттилоотӣ" дар осори як қатор забоншиносони хориҷию ватанӣ, аз қабили А.Б.Кутузов, И.В. Любитская, Е.Е. Смирнов, Н.С. Бондарева,Т. Шарипов, З.М. Мусоямов, П.Г. Нуров, Т.К. Ҷураев, Ҳ.А. Асламов ва дигарон баррасӣ шуда бошад ҳам, масъалаи хусусиятҳои лингвистии сленгҳои комютерӣ-интернетӣ ҳанӯз мавриди таҳқиқоти амиқу дақиқ ва махсуси илмӣ қарор нагирифтааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки вай барои кокарди минбаъдаи яке аз самтҳои асосии илми забоншиносӣ дар таҳқиқоти минбаъдаи истилоҳоти компютерӣ, алалхусус, сленгҳои соҳавӣ дар технологияҳои иттилоотии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мусоидат намуда, барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалӣ ва назариявии ин самт истифода шуда метавонад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар таҷриба барои омӯзиши истилоҳот ва сленгҳои нави компютерие, ки дар самти иттилоотӣ ва барномаҳои компютерӣ метавонанд, мавриди истифодаи ҳамарӯза қарор гиранд, барои пажӯҳиш ва таҳкиқи минбаъда ба сифати заминаи илмию амалӣ хизмат менамояд. Муқаддимаи диссертатсияи мазкур фарогири бандҳои зарурӣ буда, дар он мубрамият ва зарурати таҳқиқот, ҳадаф, объект, предмет, масъалаҳои таҳқиқ, усулҳои пажӯҳиш, дараҷаи коркард ва навгониҳои илмии таҳқиқот ба низом дароварда шуда, марҳила ба марҳила асоснок шудааст.

Нахустбоби диссертатсия "Ташаккул ва таҳаввули лексикаи компютерӣ ва интернет дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст ва дар он ташаккул, таҳаввул ва манбаъҳои лексикаи технологияи иттилоотӣ ва компютерӣ ва корбасти онҳо дар масири рушди забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ифода гардидааст.

Боби дуюми рисола «Таснифи соҳавии лексика ва истилоҳоти технологияи иттилоотии даврони муосир» ном дошта, аз ду фасл ва шаш зерфасл иборат буда, дар он масъалаҳои қабатҳои лексикаи компютерӣ, сленги марбут ба чатҳо ва хизматрасонии шабакавӣ, таснифоти гурӯҳӣ, сохторӣ ва роҳҳои калимасозии сленгҳои компютерӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Сленгҳо ҳамчун қабати махсуси лексикаи компютерӣ» номгузорӣ шуда, ба ташаккул ва таҳаввули сленгҳо дар лексикаи компютерӣ ва вижагиҳои хоси онҳо бахшида шудааст, ки вижагиҳои маъноӣ ва луғавии тамоми сленгҳои компютериро дар доираи мафумҳои марказ ва ҳошия мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Таҳлили мисолҳо бо низоми илмӣ сурат гирифта, вижагиҳои маъноиву сохтории ин зумра истилоҳот бо мисолҳои мушаххас асоснок гардидаанд.

Боби сеюми диссертатсия фарогири таҳқиқи "Сленгҳо ҳамчун қабати махсуси лексикаи компютерӣ" буда, унвонҷӯ дар он вижагиҳои маъноӣ ва луғавии сленгҳоро мавриди муқоисаи лингвистӣ қарор додааст, ки арзиши хеле муҳими илмӣ дорад, зеро рушди забон ва ҳамзамон, омӯзиши забони хориҷӣ дар масири таърих маҳз дар қиёс ва таносуби байнизабонии амиқу воқеӣ аён мегардад.

Автореферати диссертатсияи номзадии Ғафуров З.С. ва мақолаҳои мунташиршудаи ӯ мазмуну муҳтавои таҳкиқотро ифода карда метавонанд.

1. Дар баробари дастовардҳо дар кор баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникиро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Камбудиҳои ҷойдошта қиммати илмию таҳқиқотии диссертатсияро коста намегардонад, вале ислоҳи онҳо ба арзиши илмии диссертатсия обу ранги дигаре мебахшад.

Бояд қайд намуд, ки бо назардошти муваффақият ва навгониҳо диссертатсияи мазкурро метавон барои баррасӣ ба зинаҳои навбатӣ тавсия намуд.

Диссертатсияи мавриди тақризи Ғафуров Зоир Саъдуллоевичро дар мавзӯи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» кори баанҷомрасида ва ҷавобгӯй талаботи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобида, муаллифи онро барои сазовор шудан ба дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавии забонҳо арзанда шуморидан мумкин аст.

Муқарризи холис:
Номзади илмҳоифилологӣ, дотсенти
кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷума Маҳмудзода Миҷгона Абдулваҳоб
Суроға:
734019,н.Сино,ш.Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6

Имзои Маҳмудзода Миҷгона Абдулваҳобро тасдиқ менамоям:
Мудири шуъбаи кадрҳои Донишкадаи
давлатии забонҳои Тоҷикистон баноми
Сотим Улуғзода Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович